**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Файзуллоева Зебунисо Буходировна дар мавзӯи «Ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллии мардумони Осиёи Марказӣ ва мақоми онҳо дар таълиму тарбияи насли наврас», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар шароити басо мураккаби имрӯзаи тараққиёти ҷамъияти инсонӣ, дар замони ҷаҳонишавии пуршиддат назари таҷдид кардан ба рӯзҳои мозии таърих амри зарурат буда ҳамвора дарёфтани сабақҳои ибратбахшу пурманфиат аз мазмуни арзишҳои маънавии миллӣ воқеан амали неки илмӣ маҳсуб мешавад. Биноан, ба анҷом расонидани таҳқиқот дар мавзӯи ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ ба масобати як рисолаи илмӣ қобили дастгирӣ мебошад. Зеро, бо сабабҳои айниву зеҳнӣ дар давру замонҳои гуногуни таърих арзишҳои миллӣ дар ҷойе рушд ёфта ва дар ҷойе рӯ ба коҳиш оварда буданд. Айнан пажӯҳиши тоза ва дарёфти ҷанбаъҳои педагогии арзишҳои миллӣ ва коркарди роҳҳои ҳамгиройии онҳо бо низоми таълиму тарбияи миллии имрӯза аҳамияти ба худ хоси илмиро доро мебошад.

Автореферати диссертатсияи Файзуллоева З.Б., ки мавриди тақриз қарор гирифтааст, пеш аз ҳама, бо фарогирии моҳияти умумии таҳқиқот, пайдарҳамии фикру мулоҳизаҳо, шарҳи возеҳи ҳар як қисми рисола ҷолиби диққат аст. Дар ибтидо, тавсиф ёфтани зарурати таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад, вазифа, объект ва предмети мавзӯъ хонандаро бо мазмуни диссертатсия шинос мекунад. Зимни шиносоӣ, муаллиф инчунин чанд фикру мулоҳизаҳои худро тақдим кардааст, ки дар асоси пӯиш ва омӯзиши шахсии ӯ зимни иҷрои кор таҳия шудаанд.

Тавре таъкид шудааст, диссертатсия аз сарсухан, ду боби мустақил ва хулоса таркиб ёфта, маҳз дар заминаи таҳлили бисёр манбаъҳои илмии таърихӣ ва педагогӣ таълиф шудааст. Нигориши автореферат шаҳодати он аст, ки муҳаққиқ мавзӯъро чуқур таҳқиқ карда, тавонистааст хусусиятҳои

хоси арзишҳои миллии мардумони Осиёи Миёнаро аз нигоҳи аҳамияти педагогии онҳо ба саҳнаи илм дароварад.

Муаллиф барҳақ қайд кардааст, ки агар ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллии халқҳои Осёи Марказӣ дар асоси таҳлили далелҳои таърихӣ-педагогӣ асоснок карда шуда, аҳамияти тарбиявии арзишҳои миллӣ дар раванди таълиму тарбия муаррифӣ гардад, бешубҳа дар таълиму тарбияи насли наврас ва ривоҷи илми таърихи педагогикаи ҷаҳонӣ саҳми муносиб хоҳанд гузошт.

Автореферат мувофиқи талабот таҳия шудааст ва онро ба интишорот тавсия менамоям.Умуман, кори таҳқиқотии Файзуллоева Зебунисо Буходировна дар мавзӯи «Ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллии мардумони Осиёи Марказӣ ва мақоми онҳо дар таълиму тарбияи насли наврас» ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
и.в. дотсент, омӯзгори кафедраи
забонҳои Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи академик
М.С. Осимӣ **Аҳмадзода Бунафша**

24.08.2021

**Маълумот барои тамос:** Индекс ва суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 15; Сомона: ttu.tj; Телефон (992 372) 23 02 46; моб.: (+992) 919 14 68 54.

«Имзои Аҳмадзода Бунафшаро тасдиқ мекунам»

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДТТ
ба номи академик М.С. Осимӣ Шарипова Д.А________